# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Назаров Саъдулло Турахонович дар мавзӯи «Афкори фалсафӣ ва ичтимоӣ – сиёсии Ибни Боччa » барои дарёфти дарачаи илмии номзади илмҳои фалсафа аз рӯйи ихтисоси 09.00.03- таърихи фалсафа.**

Дар қисмати муқаддимавии автореферат мубрамияти мавзӯи тадқиқотӣ, дарачаи омӯзиши мавзӯъ, иртиботи кор бо барномаҳо ва мавзӯҳои илмӣ, ҳадафу вазифаҳо ва объекту предмети таҳқиқот, асосҳои назариявӣ ва методологии кор, сарчашмаҳои таҳқиқот, навгонии илмӣ ва нуқтаҳои асосие, ки барои ҳимоя бароварда мешаванд, дарачгардида, барои саҳми шахсии унвончӯ ва аҳаммияти амалии таҳқиқот, апробатсия ва сохтори кори диссертатсонӣ маълумот дода шудааст. Муаллиф мубрамияти мавзӯи тадқиқотиро дар қисмати аввали автореферат хеле хуб арзиёби кардааст. Ибни Боччa яке аз шахсиятҳое буд, ки фалсафаи машшоия, махсусан фалсафаи Форобиро бо андешаҳои тозаи худ ғанӣ сохта, ба тарғиби он дар минтақаи ғарбии хилофат пардохтааст. Маҳз натичаи талошҳои ӯ буд, ки донишмандон дар Ғарб, махсусан дар Андалусия бо афкори фалсафию ахлоқии мутафаккирони Шарқи исломӣ шинос шуданд. Албатта,ӯ танҳо тарғибгари ақидаҳои Форобию Ибни Сино набуд, балки дар фалсафа, чомеашиносӣ, сиёсат ва махсусан ахлоқандешаҳои тозаи худро дошт. (3)

Ба андешаи Назаров Саъдулло Турахонович бисёре аз назарияҳои ин шахсияти бузурги фалсафӣ сазовори таҳқиқ ва баррасии ҳамачониба мебошад. Аз ин рӯ, рисолаи мазкур қадами аввалу чиддие дар омӯзишу баррасии таълимоти фалсафии Ибни Боччa дар муҳити илмии собиқ шуравӣ ва пасошуравӣ буда, он халои илмиро, ки дар таҳқиқи фалсафаи машшоияи Шарқ ба вучуд омадааст, пурра ва мукаммал месозад.

Ҳамчунин мавриди зикри махсус аст, ки Назаров Саъдулло Турахонович дар таълифи рисолаи худ аз манбаҳои аслӣ ва осори таҳқиқотии зиёд истифода намудааст, ки аз вусъати доираи таҳқиқ ва дониши муаллиф шаҳодат медиҳад. Автореферат эҷодкорона навишта шуда, мазмун ва мӯҳтавои ҳар як масъалаи матраҳ гардида, дар сатҳи баланди илмиву фалсафӣ таҳлил шудаанд. Дар кор мустақилияти фикрӣ ва таҳлилу андешаронии хосси муаллиф равшан мушоҳида мешаванд.аҳодат медиҳад.

Автореферат чунин бармеояд, ки диссертатсия аз муқаддима, ду боб фарогири шаш зербоб, хулоса ва рӯйхати адабиёти истифодашуда иборат мебошад. Хулосаҳое, ки муаллиф пешниҳод намудааст, хусусияти ҷаддии илмӣ дошта, мантиқан асосноку дурустанд ва вижагиҳои таҳқиқоти гузронидаи муаллифро инъикос мекунанд.

Дар баробари дастовардҳои диссертант, ки зикр намудем, баъзе масъалаҳое ишора кардан зарур аст, ки бахстлабанд ва хуб мешуд мавриди таваҷҷуҳ қарор мегирифтанд.

1.Дар автореферат баъзан хатогиҳои услубӣ, махсусан дар қисмати муқаддимавии он ба назар мерасанд.

2.Автореферат хатогиҳои зиёди техникию имлоӣ дошта, таҳрирталаб аст.

Ин нуктаҳое, ки гуфта шудаанд, ҳамчун пешниҳод мебошанд ва қимати диссертатсияи Назаров Саъдулло Турахоновичро ба ҳеҷ ваҷҳ паст намекунанд. Мақолаҳо ки диссертант таълиф кардааст, мазмуни асосии диссертатсияро инъикос менамоянд.

Диссертатсия доро аҳаммияти илмию амалӣ буда, бар асоси меъёрҳо ва талаботи муқарраркадаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таълиф шудааст ва муаллифи он барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои фалсафа аз рӯйи ихтисоси 09.00.03 сазовор аст.

**Ходими калони илмии шуъбаи** **Қурбоншоев И Ч**

**таърихи фалсафа Институти**

**фалсафа, сиёсатшиносӣ ва**

**ҳуқуқи ба номи А. Баҳовуддинови**

**Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон**

**номзади илмҳои фалсафа**

**Реквизитҳо:**

Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони А. Рӯдакӣ,33

Тел. Моб +(992) 935676720

Email: ilhom67_67@mail.ru

Имзои номзади илмҳои фалсафа,

Қурбоншоевро тасдиқ менамоям:

Сардори Шуъбаи кадрҳои Институти **Кучарова Б.**

фалсафа, сиёстшиносӣ ва ҳуқуқи ба

номи А. Баҳовуддинови Академияи

миллии илмҳои Тоҷикистон

734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш . Душанбе.

Хиёбони Абуабдулло Рӯдакӣ, 33

ИФСҲ АМИТ

Телефон: (372) 217796

«30» 04 2020